آوازتاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

30 августи соли 2025
Шанбе
№ 70 (15185)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ҚУДРАТИ БУЗУРГТАРИНИ ХАЛҚИ МО — МЕҲРУ ОҚИБАТ, САХОВАТ ВА ЯКДИЛӢ

*Дар боғи «Ўзбекистони Нав» ба муносибати 34-умин солгарди Истиқлолияти мамлакат чорабинии идона баргузор гардид.*





Дар замири ислоҳоте, ки ба худшиносии миллӣ, арзишҳои маънавӣ, инчунин, ба маънои воқеӣ эҳтиром ба сарнавишти инсонро инъикос мекунад, мафҳуми истиқлолият таҷассум ёфтааст.

Моҳияти шиори «Барои Ватан, барои миллат, барои халқ!» низ бо дар худ фаро гирифтани ин мақсадҳо фарқ мекунад. Имрӯз рӯзҳое фаро расидаанд, ки марду зан барои Ватан, пиру ҷавон барои миллат, аз роҳбар то ба корманд барои халқ бо садоқат хидмат мекунанд.

Мақсадҳои сабзу хуррам намудани ҳар як ваҷаби ҳар як гӯша, муносибати пурмеҳр ба хоки муқаддас, дар қатраҳо гунҷондани боғҳо дар дилу дидаҳо ҷойгир мешаванд. Маҳз тавассути ин мо шоҳиди он мешавем, ки Истиқлол бо якдилии мардум ранги боз ҳам зеботар мегирад.

Президент Шавкат Мирзиёев тамоми халқи кишвар, ҳамватанони бурунмарзиро бо санаи пуршараф – 34-умин солгарди истиқлолияти давлатӣ табрик кард.

– Имрӯз, дар чунин рӯзҳои муборак, ҳамаи мо як ҳақиқати ҳаётиро амиқ эҳсос мекунем. Ба туфайли ислоҳоти бузурге, ки мо дар асоси ғояи «Ўзбекистони Нав» оғоз кардем, ҳар як ҳамватани мо, ҳуқуқ ва озодиҳоеро, ки истиқлолият додааст, дар ҳаёти худ амиқ эҳсос намуда, аз ин имкониятҳо васеъ истифода мебаранд.

(Давомаш дар саҳ.3).

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР МАРОСИМИ ТАНТАНАВӢ БАХШИДА БА 34-УМИН СОЛГАРДИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

Ассалому алайкум, ҳамватанони азиз!

Меҳмонони муҳтарам!

Хонумон ва ҷанобон!

Шумо, азизонро, халқи сермиллатамонро, ҳамватанони бурунмарзиро бо санаи пуршараф – 34-умин солгарди истиқлолияти Ўзбекистон аз таҳти дил табрик мекунам.

Иди истиқлол барои ҳамаи мо муборак бошад!

Дӯстони муҳтарам!

Имрӯз, дар чунин рӯзҳои муборак, ҳамаи мо як ҳақиқати ҳаётиро амиқ эҳсос мекунем. Ба туфайли ислоҳоти бузурге, ки мо дар асоси ғояи «Ўзбекистони Нав» оғоз кардем, ҳар як ҳамватани мо ҳуқуқ ва озодиҳоеро, ки истиқлолият додааст, дар ҳаёти худ амиқ эҳсос намуда, аз ин имкониятҳо васеъ истифода мебаранд.

Маҳз дар асоси ҳамин ғояи накӯ мо таъриху фарҳанги ғании сеҳазорсолаи худро дубора дарк намудем.

Анъанаҳои Эҳёи якум ва дувуми сарзамини худро инкишоф дода, ҷониби Эҳёи сеюм қадамҳои устувор мегузорем.

Бовар дорам, ки дар ин роҳ давлати Ўзбекистони Нав ва ҷомеаи Ўзбекистони Нав ҳамчун пули мустаҳкам, ки таърихи бузурги моро бо давраи наву боз ҳам бузурги эҳё ба ҳам мепайвандад, хидмат мекунад.

Дар ин андешаи бобокалони бузурги мо Мир Алишер Навоӣ, ки **«Мақсад аз офариниши ин олам — инсон буд, хушбахт дидани ӯ буд»**, гуфтааст, маънии амиқ нуҳуфтааст.

Арҷ гузоштан ба қадри инсон, хушбахт намудани он, ки халқамон дар давоми асрҳо орзу намуда, барои он мубориза бурдаанд, имрӯз мазмуну муҳтавои ҳамаи ислоҳоти моро ташкил мекунад.

Ғояи **«Барои қадри инсон, барои бахти инсон»**, ки ба тамоюли накӯи Ўзбекистони Нав асос ёфтааст, дар амал ба як ҳаракати пурқудрат табдил ёфт.

Сарфи назар аз вазъияти мураккаби ҷаҳонӣ, рушди устувори иқтисодиёти мо бо суръати зиёда аз 6 фоиз аз он далолат медиҳад, ки халқи мо аз роҳи интихобкардаи худ бо қадамҳои устувор пеш меравад.

Аҳолии кишварамон ҳамасола ба ҳисоби миёна 700-800 ҳазор нафар зиёд мешавад. Ҳар сол ба бозори меҳнат 500-600 ҳазор ҷавонон ворид мегарданд.

Бозомӯзии чунин шумораи зиёди одамон, соҳиби касбу ҳунар ва ҷойи кор намудани онҳо, албатта худ аз худ намешавад. Барои ин низоми муттасил корбаранда, сармоягузории кафолатнок ва инфрасохтор зарур аст.

Маҳз бо дарки амиқи ин ҳама, мо дар ин самт барномаҳои дақиқро қабул кардем. Мо то ба маҳалла поин омада, низомеро созмон додем, ки аз чун соҳибкор худро бо шуғл фаро гирифтан сар карда, то ба тиҷорати калон, ҳамаашро дар асоси тамоюли алоҳида дастгирӣ мекунад.

Бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки дар Ўзбекистони Нав соҳибкорӣ ба нерӯи бузурге тадбил ёфт ва метавонад иқтисодиётро ба ҷунбиш оварад, ба пеш роҳнамун созад. Ба рақамҳо эътибор диҳем: дар ҳашт соли охир маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 2 баробар афзуда, соли гузашта ба 115 миллиард доллар, ҳаҷми содирот ба 26 миллиард доллар расид. То анҷоми сол маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 130 миллиард доллар хоҳад расид.

Бори аввал дар таърих захираҳои тилло ва асъори хориҷии мамлакат аз 48 миллиард доллар афзуд. Дар ҳашт соли сипаришуда ба кишвари мо қариб 130 миллиард доллар сармояи хориҷӣ ворид гардид.

Оё ин ҳама самараи ислоҳот, кафолати мустаҳками рушд ва эътимоди баланди институтҳои бонуфузи молиявӣ ва ширкатҳои хориҷӣ нестанд?

Дар пеши назари халқи мо ҳазорон корхонаҳои муосир ва иншооти инфрасохтори иҷтимоӣ-иқтисодӣ қад рост мекунанд. Эътибор диҳед, ки танҳо дар соли равон бар ивази ҷамъ 35 миллиард доллар сармоя қариб 9 ҳазор корхона ва маҷмааҳои хизматрасонии нав бунёд мегарданд.

Дар арафаи ҷашни аз ҳама бузургамон 79 иншооти бузург ба маблағи 4 миллиард доллар ба кор даровbooарда шуд.

Дар муддати сипаришуда танҳо шумораи соҳибкорони хурду миёна 2 баробар афзуд. Имрӯз дар ин соҳа беш аз 10 миллион шаҳрвандони мо меҳнат карда, даромад ба даст меоранд.

Мо дар оғози сол бо кор таъмин намудани 5,5 миллион нафар аҳолиро пеши худ мақсад гузошта будем. Танҳо дар ҳашт моҳ нақшаи 5 миллиониро иҷро кардем. Муҳимтар аз ҳама, бо эътимод ба ислоҳоти мо, танҳо дар ҳамин сол 700 ҳазор нафар шаҳрвандони мо, ки дар хориҷ кор мекарданд, бар ватан – ба канори оилаи худ баргаштанд.

Чун анъана, дар ҳафтаи гузашта бо соҳибкорон мулоқоти кушод гузаронида, намояндагони тиҷорат чӣ гуна масъаларо ба миён гузошта бошанд, роҳи ҳалли мушаххаси ҳамаи онҳоро муайян кардем. Аз рӯйи ҷудо кардани беш аз 50 триллион сӯм барои захираҳо, имтиёзот ва сабукиҳои нав ба онҳо созиш намуда, қарорашро низ қабул кардем. Мо ин корҳоро қатъӣ идома медиҳем.

Пас аз он ки Ўзбекистон ба ҷаҳон васеъ боз шуд, соли гузашта шумораи сайёҳони хориҷӣ аз 10 миллион нафар, содироти хизматҳои сайёҳӣ бошад, аз 3 миллиард доллар афзуд.

Корҳои сохтмон ва ободонӣ дар маҷмааҳои бузург ва нодире чун Маркази тамаддуни ислом ва маҷмӯи Имом Бухорӣ дар Самарқанд, ки бо мақсади эҳёи таърих, худшиносии миллии мо бунёд мегарданд, ба анҷом мерасанд.

Боварии комил дорам, ки чунин ёдгориҳои нотакрор, ки ба салоҳияти маънавии халқи мо ҳамаҷониба сазовор ҳастанд, барои аҳолӣ ва ҷамъияти ҷаҳон ба маконҳои наву ҷолиб табдил хоҳанд ёфт. Ин маҷмааҳо барои соҳибкорони мо дар ҷалби боз ҳам бештари сайёҳон имкониятҳои иловагиро фароҳам меоваранд.

Боз як мақсади мо – дастгирии соҳибкорони ҳалолкор, тавсеаи имкониятҳои онҳо мебошад.

Бинобар ин, дар асоси шиори «Меҳнати ҳалол — гарави ҳаёти хотирҷамъ ва ҷамъияти фаровон» ҷиҳати ҷилавгирии иқтисодиёти «пинҳонӣ» чорабиниҳои муҳимро амалӣ менамоем. Дар ин раванд институтҳои шаҳрвандӣ, субъектҳои назорати ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори оммавӣ, парлумон ва шӯроҳои маҳаллӣ боз ҳам фаъол иштирок мекунанд.

Ҳамватанони муҳтарам!

Бо рушди иқтисодиёт ва баробари афзудани шумораи аҳолӣ, талаб ба захираҳои барқи бехатар ва устувор меафзояд.

Дар ҳашт соли сипаришуда шумораи истеъмолкунандагон ба 25 дарсад, яъне иловатан 1 миллиону 600 ҳазор нафар, ҳаҷми истеъмол бошад, 54 фоиз ё ба таври иловагӣ 25 миллиард киловатт-соат афзудааст. Аз ин рӯ, мо рушдиояндаи худро дар инкишофи иқтисодиёти «сабз» мебинем.

Пеш аз ҳама, барои зиёд кардани ҳиссаи энергияи «сабз» қадамҳои бесобиқа гузоштем. Дар натиҷа, иқтидори тавлиди нерӯи барқ аз 59 миллиард киловатт-соати соли 2016 ба 85 миллиард киловатт-соат расид ва соли оянда ин аз 97 миллиард киловатт-соат бештарро ташкил хоҳад кард.

Танҳо дар ҳамин сол 6,5 миллиард киловатт-соат энергияи «сабз» истеҳсол гардид. Муҳимтар аз ҳама, дар ҳаҷми умумии тавлиди нерӯи барқ ҳиссаи энергияи «сабз» ба 30 фоиз расид.

Мо то соли 2030 аз ҳисоби 35 миллиард доллар сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ҳиссаи энергияи «сабз»-ро ба 54 фоиз мерасонем.

Тавассути муносибати пурмеҳр ба табиат ба наслҳои оянда мерос гузоштани Ватани зебоеро, ки соҳиби замини ҳосилхез, оби мусаффо ва ҳавои тоза мебошад, вазифаи муқаддаси худ медонем.

Бо ин мақсад, корҳои худро дар доираи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» боз ҳам васеъ мегардонем. Дар ин бора барномаҳои бузурги мо, ки дар Соли ҳифзи муҳити зист ва иқтисодиёти «сабз» амалӣ мегарданд, аҳамияти калон доранд.

Дар ҳашт соли охир дар кишварамон зиёда аз 31 миллион метри мураббаъ ё қариб 12 ҳазор бинои бисёрошёнаи истиқоматӣ бунёд гардид, ки ин як қадами таърихӣ шуд.

(Давомаш дар саҳ.2).

# ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН БО САФАРИ РАСМӢ БА ЧИН МЕРАВАД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо даъвати Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин рӯзҳои 30 август – 3 сентябр бо сафари расмӣ дар ин мамлакат хоҳад буд.***

Роҳбари Ўзбекистон рӯзҳои 31 август – 1 сентябр дар ҷамъомади Шӯрои сарони давлатҳои Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) ва ҳамоиши формати «СҲШ плюс», ки дар шаҳри Тянҷзин гузаронида мешавад, ширкат хоҳад кард.

Дар рӯзномаи чорабиниҳо баррасии масоили муҳим оид ба густариши ҳамкориҳои бисёрҷониба дар самтҳои афзалиятнок ва такмили фаъолияти минбаъдаи созмон ҷой доранд. Дар анҷоми он қабули Эъломияи Тянҷзин, ҳуҷҷат ва қарорҳои муштарак ҷиҳати рушд ва таҳкими шарикӣ дар самтҳои амният, иқтисоди рақамӣ, саноати «сабз», энергетика, сайёҳӣ ва дигар соҳаҳо дар назар аст.

2 сентябр роҳбари давлатамон дар шаҳри Пекин бо Раиси ҶМЧ Си Ҷинпин мулоқот, инчунин бо намояндагони расмӣ ва роҳбарони ширкатҳои пешбари Чин вохӯриҳо мегузаронад. Масъалаҳои таҳкими минбаъдаи муносибатҳои шарикии стратегии бисёрҷанба ва густариши ҳамкориҳои амалии миёни Ўзбекистон ва Чин баррасӣ мешаванд.

3 сентябр Президенти Ўзбекистон дар чорабиниҳои тантанавӣ бахшида ба 80-солагии Ғалаба дар Ҷанги дуюми ҷаҳон иштирок мекунад.

**ЎзА.**

# ҶАСОРАТИ АҶДОДИ ҚАҲРАМОНИ МО ДАР МУБОРИЗА БАРОИ ВАТАН, БАРОИ МИЛЛАТ ВА БАРОИ ХАЛҚ — МАКТАБИ БУЗУРГИ ИБРАТ

***Вақте мо дар мамлакати мустақил, дар фазои озодӣ ва оромӣ зиндагӣ карда, ҷашнҳоро истиқбол менамоем, беихтиёр инсонҳое, ки чунин рӯзҳоро орзу кардаанд ва барои он мубориза бурдаанд, ба ёд меоянд. Миллате, ки хотира, ифтихор ва виҷдон дорад, ҳаргиз фидокориҳои онҳо бар абас намеравад, ҳамеша аз ҷониби наслҳо арҷгузорӣ мешавад.***

Рӯзи ёдбуди қурбониёни табъид, ки дар арафаи ҷашни Истиқлол баргузор мешавад, дар худ ҳамин маънои амиқро таҷассум мекунад.

Ба муносибати ин сана, 29 август намояндагони идораҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, пиронсолон ва зиёиён дар хиёбони «Хотираи шаҳидон» ҷамъ омаданд.

Дар маросим Президент Шавкат Мирзиёев иштирок намуд.

(Давомаш дар саҳ.2).

# РОҲИ ЗЕРИЗАМИНИИ АВТОМОБИЛГАРД КУШОДА ШУД, ДАР МАРКАЗИ ТАМАДДУНИ ИСЛОМ СОХТМОН АНҶОМ МЕЁБАД

***Президент Шавкат Мирзиёев 29 август бо корҳои бунёдкорӣ, ки дар шаҳри Тошканд амалӣ мегарданд, шинос шуд.***

Ҳар сол мардуми мо бар Иди истиқлол бо накӯкориву навигариҳо қадам мегузоранд. Имсол ҳам дар минтақаҳои кишвар бисёр иншооти иқтисодиву иҷтимоӣ ба истифода супорида шуд, дар баъзе аз онҳо корҳои сохтмон анҷом меёбанд.

Роҳбари давлат нахуст аз роҳи зеризаминии автомобилгард, ки дар кӯчаи Ўзбекистони Нави пойтахт бунёд ёфтааст, боздид ба амал овард.

Рушди инфрасохтори роҳ ва фароҳам овардани шароит барои ҳаракати васоити нақлиёт чараёни доимист. Ин махсусан барои шаҳри Тошканд, ки шумораи аҳолӣ афзуда, масоҳаташ васеъ мешавад, масъалаи муҳим аст.

(Давомаш дар саҳ.2).

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР МАРОСИМИ ТАНТАНАВӢ БАХШИДА БА 34-УМИН СОЛГАРДИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

(Аввалаш дар саҳ.1).

Танҳо ҳамин сол дар «Ўзбекистони Нав» ва дигар мавзеъҳо боз манзилҳои замонавии дорои 130 ҳазор хонадон сохта шуда, ба аҳолӣ супурда мешаванд.

То соли 2030 дар ҳамаи шаҳрҳоямон дар асоси стандартҳои «шаҳри сабз», ки дар саросари ҷаҳон мавриди амал қарор доранд, сатҳи сабзазоркунӣ ба 30 фоиз расонда мешавад.

Дар натиҷа, мамлакатамон бо энергияи устувор таъмин мегардад, таъсирҳои зарарнок ба экология, саломатии мардум дар сатҳи назаррас кам мешавад.

Ҳамзамон, дар асоси нақшаҳои мастерӣ ба ҳар як деҳа ва маҳаллаҳо шароити мусоиди шаҳрҳоро ворид менамоем. Шаҳрҳои хурдро дар асоси инфрасохтори замонавӣ ривоҷ дода, онҳоро ба марҳилаи нав мебарорем.

Ҳамватанони азиз!

Мо дар кишварамон модели комилан нави сиёсати ҳифзи иҷтимоиро офаридем.

Ин низом то ба сатҳи ҳар як хонадон роҳ ёфта, кор бо аҳолии ниёзмандро ба таври инфиродӣ ба роҳ мондем, марказҳои хидматҳои иҷтимоии «Инсон»-ро ташкил кардем, ки ин ҳама ба ташаккули ҷомеаи фарогири дорои имкониятҳои баробар хидмат мекунад.

Ҳамаи мо бояд як ҳақиқатро идрок намоем: дар кишвари мо одами бегона ҳам, кўдаки бегона ҳам нест. Ҳамаи мо фарзандони кишвари ягонаем, барои равнақи Ватани ягона хидмат мекунем.

Ба ин маъно, тақдири ҳатто як нафар ҳамватани мо, ки ба вазъи ногувор афтодааст, бояд ҳамаи моро як хел ба ташвиш оварад. Зеро бузургтарин қудрати халқи мо – меҳру оқибат, саховат ва якдилӣ аст.

Дар ин самт, тибқи «Барномаи ҳамроҳӣ» бо таълим, касбу ҳунар, варзиш фаро гирифтани 11 ҳазор кўдак, ки аз меҳри падару модар маҳрум шудаанд, натиҷаи муҳим шуд. Ба беш аз 2,5 миллион нафар аъзои оилаҳои эҳтиёҷманд расонидани 110 намуди кўмак ва хидмат роҳандозӣ шуд.

Умуман, танҳо дар ин сол барои ҳимояи иҷтимоии аҳолии ниёзманд 19 триллион сўм маблағ равона карда мешавад. Ин ҳама самараи худро дода, сатҳи камбизоатӣ дар кишвар ба 6,8 фоиз коҳиш ёфт. Агар 5-6 сол ин нишондиҳандаро дар сатҳи 35 фоиз арзёбӣ кардани ташкилотҳои байналмилалиро ба назар гирем, аён мегардад, ки дар муддати кўтоҳ мо дар ин самт чӣ гуна роҳи бузургеро тай кардаем.

Мо ба корҳои худ ҷиҳати рушди соҳибкорӣ, дастгирии пиронсолон, занону духтарон, ҷавонон ва шахсони ба ҳифзи иҷтимоӣ ниёзманд, ихтисори камбизоатӣ шиддати нав мебахшем.

Ислоҳоти мо дар роҳи фароҳам овардани шароити муносиб барои халқ як дақиқа ҳам бознамеистад.

Дўстони муҳтарам!

Таълиму тарбияи босифат, саломатии аҳолӣ – масъалаи муҳимтарине мебошанд, ки тараққиёти ояндаро ҳал менамоянд.

Дар ҳашт соли охир якҷоя бо бахши хусусӣ шумораи ҷойҳоро дар кўдакистонҳо ба 2,5 миллион, сатҳи фарогириро ба 78 фоиз расондем. Аз ҳисоби бунёди мактабҳои нав ва васеъ намудани мактабҳои мавҷуда 1 миллион ҷойи иловагӣ барои хонандагон фароҳам гардид.

Дар асоси китобҳои дарсии замонавӣ, технологияҳои пешқадами педагогӣ таълим дар мактаб ба худ мазмуни нав, сифати нав касб кард.

Дар ин давр дар таҳсилоти олӣ низ дигаргуниҳои бесобиқаро татбиқ намуда, сатҳи фарогириро аз 9 фоиз ба 42 фоиз расондем. Бахусус, 53 дарсади донишҷўёнро зан ва духтарон ташкил мекунанд, ки ин натиҷаи сазовори диққат аст.

Ҳоло дар донишгоҳҳои пешрафтаи ҷаҳон зиёда аз 2 ҳазор нафар донишҷўёни мо таҳсил мегиранд. Аз онҳо 750 нафарашон тавассути Бунёди «Эл-юрт умиди» аз ҳисоби давлат таҳсил доранд.

Соли гузашта ҷавонони кишварамон аз рўйи қабул ба донишгоҳҳое, ки дар рўйхати тор-500 қарор доранд, дар Осиёи Марказӣ мақоми аввалро соҳиб шуданд, ки боиси шодмонӣ аст.

Бахусус, хурсандии падару модаронеро, ки фарзандонашон дар донишгоҳҳои бонуфузи ҷаҳон таҳсил доранд, бо сухан наметавон ифода кард.

Дар ҳамин мавврид мехоҳам як воқеияти хеле калони мусбатро, ки аз имсол дар мактабҳоямон мушоҳида мешавад, алоҳида таъкид намоям. Яъне се мактаби кишварамон аз рўйи қабул ба муассисаҳои таълими олӣ натиҷаи 100 фоизро қайд карданд. Инҳо мактаб-интернати ноҳияи Қарокўл, мактаб-интернати махсуси рақами 1-уми шаҳри Навоӣ ва мактаби эҷодии ба номи Ҳамид Олимҷон ва Зулфия дар шаҳри Ҷиззах мебошанд.

Албатта, ин ифодаи амалии ғояи накўи «Ўзбекистони Нав аз остонаи мактаб сар мешавад» мебошад. Бовар дорам, ки аз чунин натиҷаҳо дигар мактабҳои кишварамон низ ибрат мегиранд. Ба тамоми муассисаҳои таълимӣ нафаси Ренессанси сеюм боз ҳам пурзўртар ворид мегардад.

Дар солҳои охир маблағгузориро ба соҳаи тиб 6 баробар зиёд намудем, хизматрасониҳои босифати тиббиро то ба сатҳи маҳаллаҳо расонидем.

Мардуми мо пештар барои хидматҳои тиббии баланди технологӣ танҳо ба пойтахт меомаданд. Ҳоло зиёда аз 400 намуди чунин амалиёти тиббӣ дар худи вилояту ноҳияҳо анҷом дода мешаванд.

Ба пешгирии бемориҳо ва пойдорсозии тарзи ҳаёти солим миёни аҳолӣ аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад.

Дар натиҷаи беҳтар шудани шароити зиндагии мардум, сатҳи миёнаи умр аз 73,8 сол ба 75,1 сол дароз шудааст.

Мо барои таълиму тарбия, барои саломатии аҳолӣ, дастгирии омўзгорон ва шифокорон ҳар қадар қувва ва чӣ қадар маблағе, ки лозим бошад, ҳамаашро сафарбар мекунем!

Дўстони муҳтарам!

Ғоя ва ташаббусҳо, неру ва хоҳиши зиёди ҷавононамон ҳарчи бештар имрўз дар тамоми ҷанба ва соҳаҳо эҳсос мегарданд. Ин чизҳо орзуҳои дерина ва ормонҳои халқамонро ба воқеият табдил медиҳад.

Имконоти фаро гирифтани дониш ва касбҳои муосир аз ҷониби насли ҷавон, амиқ омўхтани забонҳои хориҷӣ дар баробари забони модарӣ вусъат меёбад.

Ман имрўз дар ин тантанаамон аз дидани ҷавонон ва духтарон, ки дар саноат, соҳаи хидматрасонӣ, хоҷагии қишлоқ, дар ҷанбаи IT, илм, маданият ва варзиш ба дастовардҳои бузург ноил мегарданд, шод ҳастам.

Дастаи мунтахаби миллиамон оид ба футбол бори аввал дар таърихи мамлакат ба чемпионати ҷаҳон роҳхат ба даст оварда, орзуи деринаамонро ба ҳаёт татбиқ намуд.

Ҷавонони донишҷўи Ўзбекистон дар Универсиадаи байналхалқии тобистона бори аввал ба беҳтарин мунтахаби 15-гона дар байни 116 давлати иштирокдор дохил шуда, дар Осиёи Марказӣ ҷои аввалро ишғол намуд.

Дар остонаи ҷашни Истиқлолият муштзанҳоямон дар тоифаҳои синни 19 ва 22 ба унвони олии чемпионҳои Осиё соҳиб гардида, бори дигар шарафи мактаби бокси Ўзбекистонро собит намуданд.

Бо мақсади тарбияи насли рушднамудаи солим ва мутаносиб, ба қудрати варзишӣ табдил додани Ўзбекистон мо дар Тошканд шаҳраки нодири Олимпиро барои варзишгарони ҷавони истиқболнок бунёд намудем.

Бори аввал дар таърихи мамлакат Академияи замонавии футбол бунёд гардид, ки дар он таълим ва сабақи босифат пешниҳод мегардад.

Бовар дорам, ки ин намунаҳои нодири меъмории замонавии варзишӣ барои садҳо чемпионҳои ояндаамон майдони оғоз хоҳад гардид.

Танҳо дар соли ҷорӣ дар олимпиадаҳои фаннии байналхалқии бонуфуз ҷавонони Ўзбекистон 2 медали тилло, 8 нуқра, 5 биринҷиро ба даст оварданд. Дар байни кишварҳои ИДМ ҷавононамон аз кимиё ҷои дувум, аз математика ва иқтисодиёт – 3-юм, аз IT ва география – 4-умро гирифтанд, ки дар онҳо мо Хоразмӣ, Берунӣ, Ибни Синоҳои навро мебинем.

Чунин ҷавонони боистеъдод ва азмкунанда, ки чунинҳо дар мо зиёд мегарданд, ин насли тиллоии Ўзбекистони Нав, ифтихори мо мебошад.

Дар ин лаҳзаҳои нотакрор мехоҳам ба тамоми ҷавонони Ўзбекистон муроҷиат намоям.

**Фарзандони азизи мо, ҳамеша дар ёд дошта бошед:**

**Бахт танҳо ба онҳое насиб мегардад, ки сўи мақсад кўшиш мекунад, ғалаба танҳо ба касоне насиб мегардад, ки мубориза мебаранд!**

**Ояндаро шуҷоъҳо бунёд месозанд, таърихро – ғолибон.**

**Ҳамеша ба пеш азм намоед!**

**Ватан, халқ, Президент ҳамеша барои шумо такягоҳи муътамад ва дар корҳои некатон дастгирӣ менамоянд.**

Ҳамватанони муҳтарам!

Ўзбекистони Нав ҳамин ҳоло ҳам ва минбаъд низ давлати ҳуқуқӣ боқӣ мемонад, ки дар он ҳуқуқ ва озодӣ, манфиат ва фараҳмандии инсон аз ҳама воло мебошад.

Барои таъмини суди одил мо дар бобати пурра рақамисозии корҳои суд, кам кардани авомили инсонӣ, васеъ кор бурдани зеҳни сунъӣ фаъолона барои пурра рақамӣ намудан кор мебарем. Дар ҷамъомадҳо оид ба парвандаҳои иқтисодӣ ва маъмурӣ дар зали суд ҳозир будан ногузир намегардад – ҷонибҳо дар он онлайн метавонанд иштирок кунанд, рўшодӣ ва шаффофияти мурофиаи суд таъмин хоҳад гардид. Хулоса, мамлакатамон дар остонаи «асри рақамӣ ва суди одил» қарор дорад.

Дар се соли охир барои 70 фоизи маҳкумшудагон ҷазо тавре муқаррар шуд, ки онҳо аз озодӣ маҳрум нагарданд. Нисбати 3 ҳазор шаҳрванд ҳукми сафед кардан содир гардид. Амали афв нисбат ба бештар аз 3 ҳазор шахсоне, ки муддати ҷазоро мегузаштанд ва қатъиян ба роҳи ислоҳ ворид гаштаанд, татбиқ гардид.

Чанд рўз пеш ман Фармонро дар бораи ба оилаҳояшон баргардондани боз 523 нафар ҳамин гуна ҳамватанамон имзо кардам.

Ҳамаи ин кори муваққатӣ нест, балки қисми чораёни бетанаффус дар дараҷаи сиёсати давлат аст. Мо дар ин соҳа корро ба дараҷаи нав мебардорем.

Муборизаро бар зидди иллатҳо, мисли коррупсия, монополизатсия, бюрократия, шуҳратпарастӣ, хатарҳои маънавиву ахлоқии ҳаёти ҷамъият, ки ба рушди мамлакат ва некуаҳволии мардумамон таъсири манфӣ мерасонад, қатъиян идома медиҳем.

Ҳамватанони азиз!

Ҳамаи мо гувоҳи вазъияти бошиддати геосиёсӣ дар ҷаҳон мегардем. Роҳи сиёсии Ўзбекистон дар чунин замони мураккаб чӣ гуна бояд бошад? Мо барои соҳиб гардидани ҷойгоҳи муносиб дар ҷаҳони зудтағйирёбанда чӣ кор бояд кунем? Табиист, ки чунин саволҳо ҳар як ҳамватани моро ба фикр кардан водор месозад.

Вазъияти мураккаби имрўзро ба инобат гирифта, мо минбаъд низ тамоми қувва ва имконотро барои мустаҳкам намудани истиқлолият, сулҳ, мусолиҳаи байнимиллӣ ва байнидинӣ дар мамлакат равона месозем.

Имрўз садои Ўзбекистон дар арсаҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ боварибахш садо медиҳад. Мамлакатамон яке аз марказҳои сиёсии ҷаҳон гардид, ки дар он ҳамоишҳои зиёди бонуфуз, анҷуманҳои байналхалқӣ баргузор мегарданд. Чунин ҳамоишҳо ин ҳидояти бошарафи Ўзбекистон ба халқҳои сайёра дар бобати сулҳ ва ҳамкорӣ мебошад.

Бинобар ин мехоҳам бори дигар мавқеи сиёсии хориҷиамонро таъкид намоям.

Пеш аз ҳама муносибатамонро бо давлатҳои Осиёи Марказӣ ба дараҷаи сифатан нав мебардорем, ки дар рўҳи риштаҳои дўстонаи қадима ва некҳамсоягӣ, шарикии стратегӣ ва эътимоди ҳамдигар мустаҳкам мегардад.

Бо мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай алоқаҳои анъанавӣ, бисёрҷанба ва шарикии стратегиро боз ҳам вусъат мебахшем.

Ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ, молиявӣ, сармоягузорӣ ва технологиро бо ИМА, мамлакатҳои Аврупо ва дигар давлатҳои мутараққӣ инкишоф медиҳем, шарикии бисёрҷанба ва алоқаҳои амалиро мустаҳкам месозем.

Ба фароҳам намудани долонҳои нақлиётиву логистикӣ барои ҳамкории барои ҳама муфид дар самтҳои нав ва истиқболнок бо мамлакатҳои Осиёи Ҷанубӣ, Шарқи Наздик ва Миёна, Африқо эътибори алоҳида менигаронем.

Бо назардошти он, ки Афғонистон омили муҳими бехатарии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба шумор меравад, татбиқи ҳамкории конструктив ва амалиро бо ҳукумати ин мамлакат ногузир мешуморем.

Мо бори дигар мавқеи қатъии худро собит менамоем: халқи Фаластин бинобар резолютсияи собитнамудаи СММ барои барпо намудани давлати мустақили худ ҳуқуқ дорад.

Халқ ва мамлакатамон ҳамеша ба шахсони бегуноҳ кўмаки беғараз мерасонад, ки дар вазъияти мураккаби ҷанг ва нохушӣ қарор дошта бошад.

Ба анъанаи инсонпарваронаи худ содиқ монда, мо Фармони махсусро дар бораи мадади ногузири иҷтимоӣ, моддӣ ва маънавӣ расондан ба шахсоне, ки ба сифати меҳмононамон – шаҳрвандони Фаластин ба Ўзбекистон омадаанд, қабул намудем.

Бовар дорам, ки халқи боҳиммат ва меҳрубонамон нуктаҳои Фармонро комилан дастгирӣ менамояд, дар татбиқи онҳо фаъолона иштирок мекунад.

Дар маркази диққати мо ҳамкории зич бо ташкилотҳои бонуфузи байналхалқӣ ва минтақавӣ, институтҳои молиявӣ ҳамеша қарор хоҳанд дошт.

Дар рўзҳои наздик мо боз дар як анҷумани бонуфуз – ҳамоиши Созмони ҳамкории Шанхай дар Чин ва инчунин чандин мулоқот ва чорабиниҳо дар доираи он иштирок хоҳем кард. Бинобар ин, имрўз ҷашни Истиқлолиятро якҷоя бо шумо, бо тамоми халқамон қайд намуда, ният дорем, ки фардо барои иштирок дар ин ҳамоиш равем. Бешубҳа, ҷамъбасти он инчунин барои мустаҳкам намудани нақш ва мавқеи Ўзбекистони Нав дар арсаи ҷаҳон, ба даст овардани мақсадҳои стратегии сиёсати хориҷии гуногунсамтамон хидмат менамояд.

Аз фурсат истифода намуда, иштирокдорони ин тантана – сафирони муҳтарами давлатҳои хориҷӣ, вакилони ташкилотҳои байналхалқиро аз таҳти дил самимона хайрамақдам мегўям, барои ҳамкории босамарашон миннатдории таҳтидилона иброз мекунам.

Дўстони муҳтарам!

Сарфи назар аз машаққат ва озмоишҳо, мо қатъиян амиқсозии ислоҳоти демократӣ, мустаҳкам намудани ваҳдати миллӣ ва ҳамбастагиро идома медиҳем, ҳеч гоҳ аз роҳи таъмини ҳаёти муносиби халқамон барнамегардем. Ва ҳатман корҳои неки оғознамударо, ки ба истиқболамон нигаронда шудааст, то охир мебарем.

**Мо, шаҳрвандони Ўзбекистон – халқи ягона, мамлакати ягона, оилаи ягона.**

**Тақдир ва ояндаи мо, бахт ва дастовардҳоямон ягона мебошад.**

**Агар мо ба қоидаи ҳаёт риоя намоем: муваффақияти ҳар як ҳамватани ман – муваффақияти ман, ғами ў – ғами ман, он гоҳ муваффақиятҳоямон изофа мегардад, ғамҳоямон – кам.**

Мутаассифона, дар ҷаҳон таҳдид ва хатарҳои гуногун кам нест. Аммо мо чун қувваи ягона ба онҳо муқовимат намоем, албатта пирўз мегардем.

Агар дар роҳи мақсади нек дасти ҳамдигарро гирифта пеш равем, самимона барои он кўшиш кунем, албатта пирўз мегардем.

Бовар дорам, ки ҳар як ҳамватани мо, ин талаби муҳим ва мураккаби замонро амиқ эҳсос намуда, шуҷоатмандона ба Ватани азизаш ба хотири шукуфоии он хидмат менамояд.

Дар ҷашни имрўзаи бузург аз таҳти дил ба халқи меҳнатқарину меҳрубонамон, ба ҳар касе, ки ба сохтмони Ўзбекистони Нав саҳми муносиб мегузорад, миннатдории самимии худро изҳор менамоям ва сари таъзим фуруд меорам.

Ҳамватанони муҳтарам!

Бори дигар аз таҳти дил шуморо бо Рўзи истиқлолият табрик менамоям, ба ҳамаатон беҳтарин таманноҳоро изҳор медорам.

Бигзор, Худованд ҳамеша Ватани моро ҳифз кунад!

Бигзор, ҳар як одам, ҳар як оила дар мамлакатамон дар сулҳ ва оромӣ, бахт ва фараҳмандӣ ба сар барад!

Зинда бод Ўзбекистони азизи мо!

Зинда бод халқи Ўзбекистон!

# ҶАСОРАТИ АҶДОДИ ҚАҲРАМОНИ МО ДАР МУБОРИЗА БАРОИ ВАТАН, БАРОИ МИЛЛАТ ВА БАРОИ ХАЛҚ – МАКТАБИ БУЗУРГИ ИБРАТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ба хотири фидокорони Ватан Қуръон тиловат карда шуд. Ба мардум ош пешкаш гардид.

Дар канори қабри рамзии хиёбон низ тиловати Қуръон карда шуд. Дар ин ҷо бо уламову зиёиён дар бораи омўзиши таърих, бозомўзии он ба ҷавонон, қадр кардани истиқлол ва сулҳу оромӣ мулоқот доир гардид.

– Ҳар сол дар арафаи ҷашни Истиқлол барои падару бобоёнамон, ки ҷони худро дар роҳи озодии Ватан фидо кардаанд, дуо мекунем. Ҷасорати ниёи қаҳрамони мо, ки барои Ватан, барои миллат ва барои халқ мубориза бурдаанд, барои мо ҳамеша мактаби ибрат боқӣ мемонад, – гуфт Сарвари давлат.

Маълум аст, ки дар он солҳои даҳшатбор беш аз 100 ҳазор ҳамватани бегуноҳи мо мавриди таъқиб қарор гирифтаанд. Ҳазорон нафар ҳамватанонамон бо иттиҳоми ноҳақи «душмани халқ» парронда шуданд, бештар аз ин шумор бадарға гардиданд. Дар натиҷа ҳазорон занон бева ва кўдакон ятим монданд. Аз байн қариб як аср гузашта бошад ҳам, он замонҳои мудҳишро бо изтироби амиқ ба ёд меорем. Таъкид гардид, ки ин ҳама моро барои қадр кардани зиндагии озоди имрўз ва таҳкими истиқлол водор менамоянд.

– Дар роҳи гиромидошти фидокорони Ватан, абадӣ намудани хотираи онҳо корҳои зиёдеро анҷом медиҳем, – гуфт Шавкат Мирзиёев. – Дар ҳашт соли охир номи беш аз 1 ҳазору 200 нафар бобоёни ҷафокаши мо сафед карда шуд. Осорхонаи «Хотираи қурбониёни таъқиб» таъмир гардида, бо ҳазорҳо ҳуҷҷати нав ғанӣ гардид. Дар минтақаҳо низ чунин осорхонаҳо таъсис ёфтанд. Имсол 150-солагии сарвари ҳаракати ҷадидия – Маҳмудхоҷа Беҳбудиро ҷашн мегирем. Дар шаҳри Бухоро Осорхонаи давлатии мероси ҷадидҳо таъсис меёбад.

Акнун мазмуни ин ҳама ва таърихи «зинда»-и худро бояд васеътар ба халқамон расонем.

Аз соли гузашта сар карда, ҳар сол ҳафтаи аввали моҳи октябрро ҳамчун Ҳафтаи ёдбуди қурбониёни таъқиби сиёсӣ муқаррар кардем. Имсол ин чорабинӣ ҳамчун Ҳафтаи хотира ва тарбия гузаронида мешавад. Хуб, мо дар ин ҳафтаина ба мардум чиҳоро мерасонем, ба ҷавонон чиро меомўзем? Якҷоя бо олимони таърихшинос, шоиру нависандагон дар ин бора амиқтар андеша карда, ба таври оммавӣ бояд ба роҳ монем. Метавонем дар мактаб ва донишгоҳҳо дарсҳои иловагиро роҳандозӣ кунем, дар шабакаҳои телевизионӣ барномаҳои махсус пахш намоем, дар байни ҷавонон озмунҳо гузаронем.

Мо бояд чӣ гуна неъмати бузург будани истиқлолро ва чӣ хел аҷдодони бузург доштани худро дар шуури мардум ҷо кунем. Агар ҷавонони мо аз ҷиҳати рўҳӣ нерўманд бошанд, дар назди худ ҳадафҳои бузург мегузоранд, фанҳоро низ хубтар меомўзанд ва чун ашхоси бузург ба камол мерасанд.

Таъкид гардид, ки дар ин самт омўхтани ҳаёти шахсиятҳои маъруфи миллат муҳим аст.

– Ҷадидони мо дар ҳар соҳа пешсаф буданд. Аввалин романи ўзбекӣ, асарҳои театриву синамоӣ, китобҳои дарсӣ оид ба фанҳои гуногунро маҳз онҳо офаридаанд. Агар донишҷўёни туркистонӣ, ки дар солҳои 20-уми асри гузашта дар Олмон таҳсил карда буданд, таъқиб намешуданд, тамоми ҷомеаро тағйир медоданд. Агар мо таърихи мавҷудаи худро дуруст расонем, ҷавонони мо дигар қаҳрамон намеҷўянд, ниёи бузурги мо барои ин намунаи хубанд, – гуфт Президент.

Чунин пояи маънавӣ барои ягонагии умумимиллӣ ва суботи ҷомеа низ муҳим аст.

Имрўз вазъият дар ҷаҳон пуртаҳлука аст. Ба истиқлоли давлатҳо таҳдидҳо ба вуҷуд меоянд. Ин ҳама аз мо доимо огоҳ ва ҳамҷиҳат будан, пайгирона давом додани ислоҳотро тақозо мекунанд.

Худоро шукр, ки кишварамон осуда аст, мардум бо эътимод ба фардо зиндагӣ доранд. Ин – бузургтарин сарвати мо.

Уламо барои пойдории сулҳу оромӣ, файзу баракат дар кишварамон дуо карданд.

Сипас, Президент Шавкат Мирзиёев ба боғи «Ўзбекистони Нав» ташриф оварда, ба пояи муҷассамаи Истиқлол гулчанбар гузошт.

Ин маҷмаа, ки муҳимтарин воқеот аз таърихи қадими кишвар то ба имрўз, чеҳраҳои мутафаккирони бузург ва бобоҳои ҷаҳонгири моро инъикос намудааст, ба рамзи Истиқлол табдил ёфтааст.

Мурғи Ҳумо ва герби мамлакат, ки дар болотарин қисми он ҷойгир аст, арзишҳои накўи халқи моро ифода мекунад.

Сарвари давлат таъкид карда буд, ки ин муҷассама ёдгории бузургест, ки ба шарафи Ватани маҳбуб, халқи марду ҷасур, сулҳдўст ва меҳнатқарин, қаҳрамони мо бунёд ёфтааст.

Дар маросими гулгузорӣ дар пояи муҷассама намояндагони Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис ва Сенат, Маъмурияти Президент, Девони Вазирон, вакилони ҷамъиятии шаҳри Тошканд иштирок намуданд.

**ЎзА.**

# РОҲИ ЗЕРИЗАМИНИИ АВТОМОБИЛГАРД КУШОДА ШУД, ДАР МАРКАЗИ ТАМАДДУНИ ИСЛОМ СОХТМОН АНҶОМ МЕЁБАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Бахусус, дар солҳои охир дар кўчаи Ўзбекистони Нав боғи истироҳатӣ, манзилҳои истиқоматӣ, донишгоҳ ва шаҳраки Олимпӣ бунёд ёфтанд. Ин кўча дар оянда ба яке аз роҳҳои асосӣ табдил хоҳад ёфт, ки ба шаҳри Тошканди Нав мебарад.

Аз ин рў, дар тўли кўчаи Ўзбекистони Нав роҳи зеризаминии автомобилгард бо дарозии 468 метр ва паҳнои 25 метр бунёд гардид. Дар ин роҳ дар як соат зиёда аз 10 ҳазор воситаи нақлиёт метавонад ҳаракат кунад.

Қисми болои он ба минтақаи сабз табдил дода шуда, ҳаракати бехатари пиёдагардон дар байни боғи «Ўзбекистони Нав» ва шаҳраки Олимпӣ таъмин карда шуд.

Инчунин, дар ин самт нақб ва истгоҳи метро, ки дар доираи лоиҳа пешбинӣ шудааст, низ бунёд гардид.

Бояд гуфт, ки дар ҳар як лоиҳаи дар мамлакат татбиқшаванда ба ҷанбаъҳои экологӣ диққати махсус дода мешавад. Роҳи зеризаминии автомобилгарде, ки дар кўчаи Ўзбекистони Нав бунёд шудааст, вақти ҳаракати мошинҳоро ду баробар коҳиш дода, ҳамарўза барои сарфа шудани 1 тонна сўзишворӣ ва ба миқдори 2 тонна кам шудани партоби ҳаҷми газҳои зарарнок ба атмосфера мусоидат мекунад.

Сарвари давлат ба ташкили роҳи зеризаминии автомобилгард дар асоси стандартҳои муосир таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Зикр гашт, ки чунин роҳҳои ҳамвор барои мардум шароити мусоид фароҳам оварда, дар рушди сайёҳӣ низ саҳм мегузорад.

Дар Маркази тамаддуни исломи Ўзбекистон низ корҳои сохтмон босуръат идома доранд.

Ин лоиҳаи бузург ва нодир бар асоси қарори Президенти Ўзбекистон аз 23 июни соли 2017 оғоз ёфта, рўзи Иди Рамазони соли 2018 ба он таҳкурсӣ гузошта шуда буд. Ҳоло корҳои бунёдкорӣ ба марҳалаи ниҳоӣ расидаанд.

Президент Шавкат Мирзиёев ба марказ низ ташриф оварда, аз рафти корҳои ниҳоии ороишиву таҷҳизонӣ дидан кард.

Иншооти бошукўҳ дар шакли ёдгориҳои меъмории қадимаи мо бунёд мегардад. Гунбаз ва пештоқҳои миллӣ, ҳамоҳангии аҷиби нақшҳо ба он шукўҳи хос мебахшанд. Дар чор тарафи маҷмаа пештоқҳо бо баландии 34 метр ва дар марказ гунбаз бо баландии 65 метр сохта шудаанд.

Дар қисми асосии марказ толори Қуръони Карим сохта мешавад. Дар ин ҷо дурдонаи маънавии ҷаҳони ислом – нусхаи қадимаи Мусҳафи Усмон нигоҳ дошта мешавад. Ҳамчунин, нусхаҳои китоби муқаддаси моро, ки дар давраи Сомониён, Қарохониён, Хоразмшоҳиён, Ўзбекхон, Темуриён ва дигар сулолаҳои таърихӣ тасниф шудаанд, бо тарҷумаҳои онҳо ба забони ўзбекии кўҳна мегузоранд. Намунаҳо аз нодиртарин дастнависҳои Қуръон дар ҷаҳон низ ҷой дода мешаванд.

Президент корҳои ниҳоии ороиши толорро аз назар гузаронида, ба масъулон тавсияҳои худро дод.

Дар марказ сохтмони толори анҷуманҳои дорои 460 ҷойи нишаст низ анҷом ёфт. Дар ин ҷо барои баргузории воҳўрӣ ва ҳамоишҳои гуногуни байналмилалӣ шароити зарурӣ фароҳам гардида, бо васоити техникии замонавӣ таҷҳизонида шудааст.

– Ўзбекистон соҳиби таърихи бузург аст. Мероси илмӣ ва фарҳангие, ки аз ҷониби гузаштагони маъруфи мо офарида шудааст, дар таърихи инсоният нақши пойдор гузоштааст. Бовар дорам, ки ин марказ дар хабардор кардани ҷомеаи ҷаҳонӣ бо онҳо аҳамияти калон хоҳад дошт, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Дар маҷмаа шуъбаҳои «Тамаддунҳои тоисломӣ», «Давраи Эҳёи аввал», «Давраи Эҳёи дувум», «Ўзбекистон дар асри XX», «Ўзбекистони Нав – Эҳёи нав» таъсис дода мешаванд. Таърихи ин давраҳо бо ашёи гуногун, манбаъҳои хаттӣ, суратҳо ва васоити мултимедия ба намоиш гузошта шудааст. Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти серпаҳлўи уламо ва мутафаккирони бузург чун Хоразмӣ, Фарғонӣ, Форобӣ, Берунӣ, Ибни Сино, Бурҳониддини Марғинонӣ, Маҳмуд Замахшарӣ, Мирзо Улуғбек, Алишер Навоӣ, Мирзо Бобур, Алӣ Қушчӣ маълумот дода шудааст. Ҳамчунин саҳми Имом Бухорӣ, Имом Тирмизӣ, Ҳаким Тирмизӣ, Абўмансури Мотуридӣ, Абумуини Насафӣ, Қаффоли Шошӣ, Абдулхолиқ Ғиждувонӣ, Наҷмиддини Кубро, Баҳовуддини Нақшбанд, Хоҷа Аҳрори Валӣ барин уламои барҷаста дар маърифати исломӣ пурра инъикос ёфтааст.

Ҳамзамон, дар маҷмаа фаъолияти бонувони маъруф, чун Бибихонум, Хонзодабегим, Гавҳаршодбегим, Гулбаданбегим, Нодирабегим, Увайсӣ, Анбар Отин, ки чун сарпарасти илму маърифат дар таърихи мо нақши муҳим гузоштаанд, ифодаи худро ёфтааст.

Дар марказ таъкид шуд, ки тадқиқи амиқи мероси гузаштагони бузург ва ба қувваи созандаи ҷавобгў ба мушкилоти рўз табдил додани он, муҳим мебошад. Барои ин бо Академияи байналмилалии исломшиносии Ўзбекистон, муассисаҳои илмӣ-маърифатии байналмилалӣ ба номи Имом Бухорӣ, Имом Тирмизӣ, Имом Мотуридӣ ва дигарон ҳамкорӣ ба роҳ монда шуда, ба таҳдидҳои муосир ҷавобҳои илмии муносиб дарёфт мешаванд.

Сарвари давлат корҳои бунёдкории марказро баланд арзёбӣ намуда, аз рўйи ташкили дурусти фаъолият, пайваста ғанӣ гардонидани мазмуну муҳтавои он дастур дод.

– Дар давоми ҳашт сол дар ин ҷо меҳнати бузург анҷом дода шуд. Чунин маркази бошаҳомат ва дорои мазмуни амиқро бунёд кардем. Меҳмононе, ки ба ин ҷо меоянд, таърихи ғании халқи мо, донишу тафаккури аҷдодонамонро эътироф мекунанд, ба худ нерўи бузурги маънавӣ мегиранд, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Президент ҳамчунин бо иншооти савдо ва хидматрасонӣ, ки дар минтақаи ба марказ пайваст сохта шудаанд, шинос шуд. Ин ҳама дар рушди минбаъдаи сайёҳӣ нақши муҳим хоҳад дошт.

**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**Абдулазиз РУСТАМОВ,**
**мухбирони ЎзА.**

# ҚУДРАТИ БУЗУРГТАРИНИ ХАЛҚИ МО – МЕҲРУ ОҚИБАТ, САХОВАТ ВА ЯКДИЛӢ

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Маҳз дар асоси ҳамин ғояи накӯ мо таъриху фарҳанги ғании сеҳазорсолаи худро дубора дарк намудем. Анъанаҳои Эҳёи якум ва дувуми сарзамини худро инкишоф дода, ҷониби Эҳёи сеюм қадамҳои устувор мегузорем. Бовар дорам, ки дар ин роҳ давлати Ӯзбекистони Нав ва ҷомеаи Ӯзбекистони Нав ҳамчун пули мустаҳкам, ки таърихи бузурги моро бо давраи наву боз ҳам бузурги эҳё ба ҳам мепайвандад, хидмат мекунад, – гуфт Сарвари давлат.

Истиқлол, пеш аз ҳама, бо иқтисодиёти пурзӯр мустаҳкам аст. Ба ин маъно, дар суханронии Президент як қатор натиҷаҳои муҳим зикр гардиданд.

Сарфи назар аз вазъияти мураккаби ҷаҳонӣ, иқтисодиёти мамлакати мо бо суръати зиёда аз 6 фоиз устувор рушд мекунад. Дар ҳашт соли охир маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 2 баробар афзуда, соли гузашта ба 115 миллиард доллар, ҳаҷми содирот ба 26 миллиард доллар расидааст. То анҷоми сол ба 130 миллиард доллар расидани маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар назар аст.

Бори аввал захираҳои тилло ва асъори давлатамон аз 48 миллиард доллар афзудааст. Дар ҳашт соли охир ба кишвари мо қариб 130 миллиард доллар сармояи хориҷӣ ворид гардидааст.

Дар пеши назари халқамон ҳазорон корхонаҳои муосир ва иншооти инфрасохтори иҷтимоӣ-иқтисодӣ қад рост мекунанд. Соли равон бар ивази ҷамъ 35 миллиард доллар сармоя қариб 9 ҳазор корхона ва маҷмааҳои хизматрасонии нав бунёд мегарданд.

Дар муддати сипаришуда танҳо шумораи соҳибкорони хурду миёна 2 баробар афзудааст. Имрӯз дар ин шабака беш аз 10 миллион аҳолӣ меҳнат карда, даромад ба даст меоранд.

Аз оғози сол 5 миллион аҳолӣ бо кор таъмин гардиданд. Танҳо дар ҳамин сол 700 ҳазор нафар шаҳрвандон, ки дар хориҷ кор мекарданд, бар ватан – ба канори оилаи худ баргаштанд.

Дар натиҷаи ба ҷаҳон васеъ боз шудани Ӯзбекистон, соли гузашта шумораи сайёҳони хориҷӣ аз 10 миллион нафар, содироти хизматҳои сайёҳӣ бошад, аз 3 миллиард доллар афзуд.

Бо рушди иқтисодиёт ва баробари афзудани шумораи аҳолӣ, талаб ба захираҳои барқи бехатар ва устувор меафзояд. Аз ин рӯ, барои зиёд кардани ҳиссаи энергияи «сабз» қадамҳои бесобиқа гузошта шуд.

Дар натиҷа, иқтидори тавлиди нерӯи барқ аз 59 миллиард киловатт-соати соли 2016 ба 85 миллиард киловатт-соат расид ва соли оянда ин аз 97 миллиард киловатт-соат бештарро ташкил хоҳад кард.

Танҳо дар ҳамин сол 6,5 миллиард киловатт-соат энергияи «сабз» истеҳсол карда шуд. Муҳимтар аз ҳама, дар ҳаҷми умумии тавлиди нерӯи барқ ҳиссаи энергияи «сабз» ба 30 фоиз расид. То соли 2030 аз ҳисоби 35 миллиард доллар сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба 54 фоиз бардоштани ҳиссаи энергияи «сабз» ба нақша гирифта шудааст.

Соҳаҳои иҷтимоӣ низ рушд карда, шароити зисти аҳолӣ беҳтар мегардад. Дар ҳашт соли охир дар кишварамон қариб 12 ҳазор бинои бисёрошёнаи истиқоматӣ бунёд гардид. Соли ҷорӣ дар «Ӯзбекистони Нав» ва дигар мавзеъҳо боз манзилҳои замонавии дорои 130 ҳазор хонадон сохта шуда, ба аҳолӣ супурда мешаванд.

Сиёсати ҳифзи иҷтимоӣ ба инсонҳои эҳтиёҷманд мадад мегардад.

Тибқи «Барномаи ҳамроҳӣ» бо таълим, касбу ҳунар, варзиш фаро гирифтани 11 ҳазор кӯдакон, ки аз меҳри падару модар маҳрум шудаанд, натиҷаи муҳим шуд. Ба беш аз 2,5 миллион нафар аъзои оилаҳои эҳтиёҷманд расонидани 110 намуди кӯмак ва хидматҳо роҳандозӣ шуд.

Ин ҳама самараи худро дода, дар кишвар сатҳи камбизоатӣ ба 6,8 фоиз поён рафт.

Таълими босифат, саломатии аҳолӣ – масъалаи муҳимтарине мебошанд, ки тараққиётиояндаро ҳал менамоянд. Бо ин мақсад, дар ҳашт соли охир якҷоя бо бахши хусусӣ шумораи ҷойҳо дар кӯдакистонҳо то 2,5 миллион, сатҳи фарогирӣ бошад, ба 78 фоиз расонида шуд. Дар мактабҳо барои хонандагон 1 миллион ҷойи иловагӣ фароҳам гардид. Сатҳи фарогирӣ дар таълими олӣ аз 9 фоиз ба 42 фоиз афзуд.

Солҳои охир маблағҳое, ки барои соҳаи тиб ҷудо мегарданд, 6 баробар афзуда, хизматрасониҳои босифати тиббӣ то ба сатҳи маҳаллаҳо фароварда шуд. Беш аз 400 намуди амалиёти тиббии баланди технологӣ дар худи вилояту ноҳияҳо гузаронида мешаванд.

Зикр гардид, ки дар натиҷаи беҳтар шудани шароити зиндагии мардум, сатҳи миёнаи умр аз 73,8 сол ба 75,1 сол дароз шудааст.

Таъкид шуд, ки писару духтарони мамлакат дар саноат, илму фан, фарҳанг ва варзиш ба комёбиҳои бузург ноил мегарданд. Президент ин ҳамаро эътироф карда, ба тамоми ҷавонони Ӯзбекистон чунин гуфт:

«Фарзандони азизи мо, ҳамеша дар ёд дошта бошед: бахт – ба ҷавонони кӯшо, ғалаба ба мубориaзон насиб мекунад!

Ояндаро – шуҷоъҳо, таърихро ғолибон меофаранд. Ҳамеша ба пеш азм намоед, писарони баҳодурам, духтарони оқилаам! Дар корҳои накӯи Шумо Ватан, халқ, Президент ҳамеша барои шумо такягоҳи муътамад мегардад!»

Роҳбари давлат дар суханронии худ ба вазъи геосиёсӣ низ таваққуф кард.

Таъкид гардид, ки садои Ӯзбекистон дар арсаҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ торафт баландтар садо медиҳад, дар мамлакат ҳамоишҳои зиёди бонуфуз доир мегарданд. Дар ҳамин маврид мавқеи Ӯзбекистон дар сиёсати хориҷӣ боз як бор қайд гардид.

Президент сафирони давлатҳои хориҷӣ, намояндагони созмонҳои байналмилалиро, ки дар ҷашн иштирок доштанд, самимона хайрамақдам гуфта, барои ҳамкории босамар миннатдорӣ изҳор кард.

Шавкат Мирзиёев дар поёни сухани худ идома ёфтани дигаргуниҳоро дар мамлакат таъкид намуда, халқи кишварро ба муттаҳидӣ ва фидокорӣ даъват кард.

– Ҳамаи мо халқи ягона, мамлакати ягона, оилаи ягона ҳастем.

Тақдир, оянда, бахт ва дастовардҳои ҳамаи мо низ ягона ва муштарак мебошад.

Бовар дорам, ки ҳар як ҳамватани мо ин талаби муҳим ва мураккаби замонро амиқ эҳсос намуда, шуҷоатмандона дар роҳи равнақи Ватани азизаш хидмат менамояд, – гуфт Президент.

Сипас шодиёнаи идона бо барномаи консертӣ идома ёфт. Дар сурудҳо санъати ғанӣ ва арзишҳои халқи мо, эҳсоси шукрона аз имрӯз ва орзуву умедҳо барои оянда равшан ифода ёфтанд.

**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**мухбири ЎзА.**

# БА ДИДА НАҚШИ РӮЙИ ТУ...

Бародари ман Шодибой Маҳмудҷонов агар ҳаёт мебуданд, 1 сентябр ҳафтодро пур мекарданд...

Ҳамдигарро «шумо» мегуфтем. Дар тарафҳои мо аксар акову додарҳо якдигарро «ту» мегӯянд. Дар баъзе хонадон бародарро «шумо»-гӯйии додар, аз рӯйи эҳтиром, як ҳолати одист. Додарро «шумо»-гӯйии бародар-чӣ?

Ёд дорам, яке аз ҷӯраҳои бародарам аз деҳаи ҳамсоя, ки ба хонаамон меҳмон буд, аз якдигарро «шумо»-гӯйии ману бародарам тааҷҷуби худро пинҳон надошта: «Шодибой, додарро «шумо»-гӯйии акоро фақат дар шумо мебинам»,– гуфта буд бо табассум.

...Дар ҳафтсолагиам аз дастам дошта, Шумо маро ба синфи як бурда будед. «Шумо», ки мегуфтед, дар кӯча, дар мактаб, дар ҳама ҷо, дар баробари бачаҳо калонсолон ва ҳатто муаллимон маро «ту» намегуфтанд.

Маросими қабул ба сафи пионерӣ дар мактабамон тантананок сурат гирифт. Баъди «ваъдаи пионерӣ» чанд нафар мактаббачагони фаъол аз синфҳои болоӣ ба гардани мо, сеюмхонҳо, галстук бастанд. Галстуки маро Шумо баста будед, бародарҷон...

Он вақтҳо, ба назарам, номуросоӣ дар байни бачаҳо, хурдтараконро ранҷдиҳии калонтарҳо бештар ба вуқӯъ меомад. Бачае ҳад надошт ба ман наздик шавад: «Акояш ҳаст!»

Баъди ба камол расидан – ҷой гирифтан аз сафи калонсолҳо низ ман дар симои Шумо ҳамон як ҳимоятгарро медидам: натарсида гап мезадам, нафаҳмида кор мекардам.

Маро ба институт Шумо бурдед, ҳуҷҷатҳоро худатон супурдед. ЛГПИ мегуфтанд ҳозира Донишгоҳи Хуҷанд ба номи Ғафуровро. Шуъбаи забон ва адабиёти тоҷик, ки худатон таҳсил карда будед.

Донишам аз адабиёт бад набуд, лекин дар таҳлили ҷумлаҳо аз синтаксис душворӣ мекашидам. Ин аснои имтиҳонсупориам аз забон ва адабиёт (даҳонӣ) боз як бор ҳис гашт. Ҷавобҳоям аз адабиёт доираи ҳаёт ва фаъолияти Умари Хайём имтиҳонгирандагонро қонеъ гардонд. Лекин фанни забон...

Ҷумларо ба тахта навиштам. Бояд таҳлил кард. Сустии худро, ки медонам, дилам ваҳм мекашад. Ҳеч дар хаёл надоштам «фариштаи наҷотбахш» мушкилам осон месозад – дар паси дари нимвои аудитория суробе пайдо гашт. Он Шумо будед!

Дар даст бӯр, як ба тахта менигарам, як ба дар. Бо ишора мефаҳмондед. Пичирроси Шумо ба гӯши имтиҳонгирандагон медаромад. Медонистанд, ки дар паси дар Шумо, худро ба нофаҳмӣ мезаданд.

Баъди ба саҳни институт баромадан бо ҳайрат пурсидам: «Ако, чӣ хел даромадед? Посбонҳо рухсат доданд?»

Аълохон будед. Сардори курс. Баробари ҳамдарсҳо устодон ҳурмат мекарданд.

Вақте имтиҳони навбатии қабулро аз фанни таърих месупурдам, Шумо дар деҳа будед. Ба саволҳо ҷавоб додам. «Ако, ҳамааш хуб!» гуфтам хаёлан ба Шумо. Сабук ба ошёнаи якум фуромада, аз вориддгоҳ ба берун баромадам. Баногоҳ «Муҳаммадҷон, чӣ хел?» – гӯён чанд духтар сӯям шитофт. Чаҳор нафар ҳамкурси шаҳрии Шумо! Хурсандиам даҳчанд гашт. Дар байни ҳамсабақон чӣ қадар эътибор доштанатон дигарбора ба назар расид. Баъди хатми донишкада ҳам оқибат гум нашуда буд!

Ҳанӯз солҳое, ки мактабро тамом накарда будам, маро ба Хуҷанд мебурдед. Давр мезанондед. Ба ҳамдарсҳо ва дигар ёру ошноҳо шинос мекардед. Дар донишҷӯйӣ ба кӯтоҳие роҳ гузорам, ба хотири он, ки «додари Шодӣ»-ам, устодон гузашт мекарданд.

Баъди гирифтани диплом дар мактаб кор кардан, яъне бо дарс таъмин шудан, бинобар бисёрии муаллимон, мушкилоти зиёд дошт. Дар ин масъала ҳам маро гуфта хеле овора шудед...

Ҳамсинфҳои Шумо, айни замон, ба чашмам бисёр азиз. Баъзан шӯхиомӯз мегуфтам «ако, ману Шумо ҳамсинф!»

Хурдсолӣ ба ёд меомад. Хонаамон ба мактаб наздик. Ба синни мактабӣ нарасидаам, лекин як поям дар дабистон. Хурдтаракон давутоз мекунем, аснои дарс ба тирезаҳо часпида, ба машғулот халал мерасонем. Ҷанг мекунанд, таъзирамонро медиҳанд, лекин тавба намекунем.

Рӯзе воқеаи аҷиб рӯй дод. Баъди зада шудани занги даромад, вақте аз тиреза ба дарун менигаристам, духтаре тозон омад, аз қафоям маҳкам дошт, хостам худро халос кунам, зӯрам нарасид. Он духтар маро озод бардошт ва ба доду фиғонам эътибор накарда, рост ба дар, ба дарун бурд, ба синфхона даровард, ба замин гузошт, вале то нагурезам, сар намедод. Аз тарс дарақ-дарақ меларзидам, мегиристам. Бачаҳо (чорумхонҳо) механдиданд. Чашмам ба Шумо афтод, ако, ки табассум мекардед. Муаллим – хеши худамон (амакбачаи падарам Зайниддин Низомов). Он кас гуфтанд:

– Муҳаммадҷон мактабро нағз мебинад. Мехоҳад дарс хонад! Хайр, камаш монд, баъди як-ду моҳ таътил, сонӣ таҳсил сар шуда, ба синфи як меояд. Худам мехононам.

Саҳл ба худам омадам. Аммо ҳаяҷону ҳарос ҳанӯз маро меларзонд.

Муаллим ба ман нигаристанд:

– Як соатак бошад ҳам хон!

Сонӣ ба он духтар ишора сохтанду вай аз дастам дошта, ба партаи қафо, ки холӣ буд – бурд, шинонд, худаш аз паҳлӯям ҷой гирифт. Дарси хониш будааст. Кадом як ҳикояи шавқовар. Дар болои парта нишастан низ завқ дошт. Ҳампартаам ҷафстар мешуд, ҳатто даст ба китфам мегузошт, акнун аз вай намеҳаросидам. Ҳатто бо меҳр ба рӯяш менигаристам.

Як соат дарси бо ҳамсинфҳои Шумо «хондаамро» асло фаромӯш намекунам, ако! «Як соатак бошад ҳам хон!»-гӯйии муаллими раҳматиамон Зайниддин Низомовро низ. «Ҳампарта»-и онвақтаи ман Тӯтинисо Олтиева ҳам ҳоло ҳафтодсола.

Бале, соли 2025 ба ҳамкурсу ҳамсинфонатон, ки дар қайди ҳаётанд (умрашон дароз шавад), соли махсус. Ҳамаашонро ба синни муборак – 70-солагӣ муборакбод мекунам. Лекин Шумо, нестед, ако.

Ҳамкурсони сӯхиатон Абдувоҳид Шарофов ва Собир Ҷӯраев низ дар байни мо нестанд.

Дидаам пури об...

*Чиҳое чархи гардун кард,*
*эй Худо, кард,*
*Ки аз ҳам гӯшту нохунро*
*ҷудо кард...*
*Бародарҷони ман,*
*дарди шумо сахт*
*Адо карду адо карду адо кард.*

*Маро кам буд оё дарди модар,*
*Ҷигарсӯзии ман аз дарди хоҳар?*
*Дили обу адои додари зор*
*Шумо ҳам даргиронед,*
*эй бародар?*

*Наеду нур нопайдост гӯё,*
*На рӯз, ин зулмати шабҳост гӯё.*
*Чу кӯҳ андӯҳҳоям, эй бародар,*
*Равон аз дидаам дарёст гӯё!*

*Чу ман дармонда бошад*
*ё набошад?*
*Сиришкафшонда бошад*
*ё набошад?*
*Чу ман дарду аламро, эй бародар,*
*«Бародархонда» бошад*
*ё набошад?*

*Куҷоед, эй бародарҷон, куҷоед?*
*Ҳазору сад ҳазор афсӯс, н-оед...*
*Бародарҷон, намеоед чун рӯз,*
*Шабе бар хобҳоям кай дароед?*

*Ятим акнун маро хонад ятимӣ,*
*Чи рӯзи сахт, рӯзи бад ятимӣ!*
*Падар бигзашт,*
*модар рафт кайҳо,*
*Вале баъди шумо омад ятимӣ...*

*Бародарҷон, дили гирёнам имрӯз,*
*Бародарҷон, дили бирёнам*
*имрӯз.*
*Шумо рафтед, аз дил рехт оҳар –*
*Бародарҷон, дили урёнам имрӯз.*

**Ш. МУҲАММАД.**

# САДОИ ТАЪРИХ ДАР КАТИБАҲО: ПАЁМИ НАВ БА НАСЛҲО

***Масъалаи бозомӯзии мероси фарҳангӣ, ёдгориҳои этнографӣ, манзилгоҳҳои таърихӣ, ҳифз намудани онҳо ҳамеша мавриди таваҷҷуҳ қарор дорад ва тӯли солҳои охир таҳти роҳнамоии Сарвари давлат Шавкат Мирзиёев дар ин самт корҳои шоёни таҳсин амалӣ мегарданд. Ин беҳуда нест. Чунки Ӯзбекистон аз лиҳози шумор ва арзишмандии чунин ёдгориҳои этнографӣ яке аз мамлакатҳои пешсафи Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Бояд гуфт, ки ҳар як ёдгорӣ, мавзеи таърихӣ ва ҳар як катибаву навиштаҷоти обидаҳои сарзамини мо таърих, мазмун ва муҳтавои ба худ хос дорад.***



Ин буд, ки бо ташаббуси Ҷамъияти ҷаҳонии бозомӯзӣ, ҳифз ва оммавигардонии мероси фарҳангии Ӯзбекистон (WOSCU) нашри силсилаи китоб-албомҳои «Катибаҳои ёдгориҳои Ӯзбекистон» роҳандозӣ шуд. Ҳоло ин ҷамъият беш аз 450 нафар олимони маҳаллӣ ва хориҷиро ба ҳам оварда, ҳамасола китоб-албомҳоро дар силсилаи «Мероси фарҳангии Ӯзбекистон» ва «Катибаҳои ёдгориҳои Ӯзбекистон» бо дастгирии ташкилӣ ва молиявии ҳукумат ба нашр мерасонад.

Бояд гуфт, ки дар асрҳои миёна аз ҷониби ниёи бузурги мо намунаҳои бошукӯҳи обидаҳои меъморӣ офарида ва то кунун ҳифз шудаанд. Девору пештоқҳои қадимаи ин биноҳои боҳашам бошад, бо катибаву навиштаҷоти зебои хаттӣ оро ёфтаанд. Албатта аксар одамон мехоҳанд донанд, ки гузаштагони мо дар онҳо чӣ гуна панду андарз ва суханони ҳакимонаро сабт намудаанд.

Маҳз бо ҳамин мақсад, яъне бозомӯзии мазмуну мундариҷаи чунин катибаҳои девори масҷид, пештоқи дарвоза, санги мақбара ва дигар ёдгориҳо аз соли 2010 гурӯҳи эҷодӣ катибаҳои ноёби ёдгориҳоро бодиққат омӯхта, натиҷаҳоро ҷамъ ва лоиҳаи нашри силсилаи китоб-албомҳои «Катибаҳои ёдгориҳои Ӯзбекистон»-ро ба роҳ монданд. Бояд гуфт, ки дар ягон давлати ҷаҳони ислом барои мутолиаи пурраи катибаҳои ёдгориҳои таърихӣ ва нашри онҳо чунин корҳои густурда сурат нагирифтааст.



Дар натиҷаи меҳнати чандинсолаи аҳли илм, донишмандон, мутахассисони соҳа китоб-албомҳо таҳти унвони «Катибаҳои ёдгориҳои Ӯзбекистон» бахшида ба катибаҳои ёдгориҳои меъмории Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳои Андиҷон, Бухоро, Қашқадарё, Навоӣ, Наманган, Сурхондарё, Фарғона, Хоразм, Тошканд ва шаҳри Тошканд, инчунин, албомҳои маҷмааҳои таърихии меъмории Регистон ва Шоҳизиндаи Самарқанд, бо забонҳои ӯзбекӣ, русӣ ва англисӣ бо теъдоди 220 ҳазор адад рӯйи чоп омаданд.

Дар доираи тадқиқотҳои марҳилаи якуми лоиҳа зиёда аз 1,5 ҳазор катиба (аксари онҳо бори аввал) мутолиа ва тарҷума шуданд. Беш аз 200 шеър, панду насиҳат, суханҳои ҳикматомез, номи зиёда аз 100 усто ва хаттот, 300 навиштаҷоти динӣ, 150 санади бахшидашуда, 150 санаи таърихӣ, 100 амри ҳукмдорон ва дигар катибаҳо аз ин ҷумлаанд.

– «Катибаҳои ёдгориҳои Ӯзбекистон» сарчашмаи муҳими таърихӣ мебошанд, – иброз дошт муҳаққиқ, мутахассиси забони арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ, яке аз мусаҳҳеҳони китоб-албомҳо Файз Маҳмудов. – Камина дар бозомӯзии катибаҳои чанд шаҳру вилоят шахсан иштирок кардам. Мо бисёр қабр, обида, маҷмаа, ёдгориҳои меъмориро омӯхтем. Катибаҳоро интихоб, тасниф, тарҷума ва гирдоварӣ намуда, ба шакли китобҳои алоҳида овардем. Вақте дар бораи «Катибаҳои ёдгориҳои Ӯзбекистон», ки ба вилояти Қашқадарё бахшида шудааст, мегӯем, бояд таъкид кард, ки ин вилоят аз рӯйи шумораи ёдгориҳо баъд аз Самарқанду Бухоро дар кишвар ҷойи сеюмро ишғол мекунад. Дар Қашқадарё манбаъҳои зиёде мавҷуданд, ки то ҳол тадқиқ нашудаанд. Бахусус, катибаҳо. Ҳанӯз мо аз даҳ як ҳиссаи онҳоро омӯхтему халос. Агар ҳамаи катиба ва навиштаҷотро ҷамъ оварем, китоби даҳҷилда хоҳад шуд. Вақте ба катибаҳои Қашқадарё диққат мекунем, қадимтарини онҳо ба давраи Қарохониён рост меояд. Қисми асосии онҳо ба асрҳои XV-XVI тааллуқ доранд. Ҳангоми тадқиқ матнҳои гуногун пеш меоянд, ки аз тавонмандии баланди ниёи мо дар соҳаи хаттотӣ шаҳодат медиҳанд. Ин амали хайр минбаъд низ идома меёбад. Мақсад аз ин ба насли оянда расонидани мазмуну мундариҷаи катибаҳои таърихӣ мебошад. Зеро дар онҳо таърихи мо ниҳон аст.

Бино ба таъкиди Ф.Маҳмудов қисми асосии катибаҳое, ки дар вилояти Қашқадарё дарёфт шудаанд, бо забонҳои форсӣ-тоҷикӣ, арабӣ, туркӣ ва қароқалпоқӣ сабт гардидаанд. Аз ҷумла, дар сандуқи чӯбини гулкорӣ, ки бино ба асноди таърихӣ дар он Хирқаи муборакаи Паёмбар нигаҳдорӣ мешавад ва ҳоло он дар манзили яке аз сокинони Катталангар – Муҳаммад Раҷабалӣ маҳфуз аст, бо хати зебои настаълиқ чунин абёти таърихӣ навишта шудааст:

*Дар замони шоҳи одил, к-ӯ*
*шоҳонро сарвар аст,*
*Остони кишвараш*
*Нӯшервону Қайсар аст.*

*Сандуқи олӣ мураттаб шуд*
*— маҳалли файзу нур,*
*Хуш биное – боиси таъзиму*
*олиманзар аст.*

*Аз барои сандали чӯбаш*
*бубин дар субҳу шом,*
*Тавф дорад осмон*
*гирдаш..., магар дарди*
*сар аст?*

*Дар мазиди иштиёқи*
*ошиқонаш ҳолҳо,*
*Рӯйи ӯро лаълу ёқуту*
*зуммуррад ҷавҳар аст.*

*Бо чӣ напсандад каромат,*
*аз чӣ напзирад хирад?*
*Он биное, ки мақоми*
*Хирқаи Пайғамбар аст.*

*Banияш кони сахову исми он*
*(ӯ) Абдулҳаким,*
*З-илтифоти шоҳ, оламии*
*мансабаш: «Мирохур» аст.*

*Соли таърихи бинояш аз*
*хирад пурсида шуд,*
*Гуфт: адабро по ниҳода,*
*«Ҷомаи пайғамбар» аст!*

Ёдовар мекунем, ки нахуст китоб-албоми «Катибаҳои нодири ёдгориҳои Ӯзбекистон» рӯйи чоп омад. Дар он катибаҳои зеботарин, ки дар минтақаҳои мамлакатамон ҳифз шудаанд, интихобан гирдоварӣ шуданд. Нашри ин китоб дар ярмаркаҳои ҷаҳон эътироф гардид ва ин ба гурӯҳи эҷодӣ, аз ҷумла муаллифи лоиҳа Фирдавс Абдухолиқов, роҳбари лоиҳа Шерзодхон Қудратхоҷаев ва муҳаррирони илмӣ, ҳайати таҳрир, ҳамоҳангсозон, тарҷумону мусаҳҳеҳон барои идомаи ин лоиҳаи судманд такон бахшид ва то ҳол, яъне дар марҳилаи якуми лоиҳа 20 ҷилди китоб-албомҳо нашр шуд.

**Ф. ЙӮЛДОШЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**




Навиди таълимӣ

## ДАР МАКТАБ ВА КӮДАКИСТОНҲО ДАРСҲОИ «СОАТИ ОЯНДА» ДОИР МЕГАРДАД

Дар асоси фармоиши вазири таълими томактабӣ ва мактабӣ аз 25 августи соли равон «Дар бораи баланд бардоштани самарабахшии корҳои маънавию маърифатӣ дар ташкилотҳои таълими томактабӣ ва ҳамагонӣ» тахти рақами 308 аз соли нави таҳсил дар сохтори «кӯдакистон – мактаб – таълими олӣ» низоми ягонаи тарбияи ғоявӣ роҳандозӣ мешавад.

Ҳар ҳафта, рӯзи душанбе дар тамоми муассисаҳои таълимӣ дарсҳои махсуси «Соати оянда» ташкил гардида, воситаҳои таълимии зарурӣ барои ин дарсҳо тавассути платформаи milliytarbiya.uz дастрас мегарданд.

Инчунин, дар асоси фармоиш нақшаҳои намунавии чорабиниҳои маънавию маърифатӣ дар кӯдакистону мактабҳо барои соли таҳсили 2025–2026 тасдиқ гардид. Нақшаҳои намунавии чорабиниҳо барои фаъолияти равоншиносони мактабҳо ва рӯйхати мавзӯъҳои намунавии дарсҳои «Соати оянда» ташаккул дода шуд.

Ғайр аз ин, бо мақсади ҳавасманд кардани роҳбар ва педагогҳои муассисаҳои таълимӣ, ки ба корҳои маънавию маърифатӣ масъуланд, дар ҳар соли таҳсил озмуни ҷумҳуриявии «Тарғибгари арзишҳои миллӣ» баргузор мегардад.

## АЗ СЕНТЯБР МОҲОНАИ ДИРЕКТОРОНИ МАКТАБҲО ЗИЁД МЕШАВАД

Дар асоси фармони Президент «Дар бораи чораҳои иловагии баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунӣ дар соҳаи таълими томактабӣ ва мактабӣ» аз 1 сентябри соли равон маоши директорони мактаб ва кӯдакистонҳо – 20 дарсад ва маоши муовинони онҳо – 5 дарсад зиёд мешавад.

Аз 1 январи соли 2026, директор ва муовинони онҳо, ки дар мактаб ва ташкилотҳои таълими томактабӣ фаъолияти босамар нишон медиҳанд, метавонанд ба таври мутаносиб 20 ва 10 дарсад изофапулӣ гиранд.

Илова бар ин, маоши мудирони кӯдакистонҳое, ки мансуби гурӯҳҳои I ва II ҳастанд, бо маоши муовинони директорони мактабҳои мансуби гурӯҳҳои III ва IV баробар карда мешавад (яъне меафзояд).

## ДАР «ТӮҲФАИ ПРЕЗИДЕНТ» ЧӢ ГУНА ВОСИТАҲОИ ТАЪЛИМӢ ҲАСТ?

Ҳамасола дар оғози соли нави таҳсил ба донишомӯзони синфи якум маҷмӯаи «Тӯҳфаи Президент» супорида мешавад.

Ин маҷмӯа аз 12 намуди воситаҳои таълимӣ иборат аст:

- сумка
- дафтари ҳусни хат
- дафтари расм
- рангҳои акварел
- коғази ранга
- қаламдон
- ручкаи шарикдор
- қалами ранга
- қалами одӣ
- пластилин
- ширеш
- хаткӯркунак.

**Дар асоси маводи шабакаҳои иҷтимоӣ таҳияи Ф.ФАРҲОДОВ.**

***Ҳоло дар вилояти Самарқанд беш аз 1200 мактаби таҳсилоти ҳамагонии миёна, 44 мактаби хусусӣ, 20 мактаби тахассусӣ ва як мактаби Президентӣ фаъолият доранд, ки дар ин муассисаҳо беш аз 60 ҳазору 500 нафар устодони соҳибтаҷриба ба 770 ҳазор нафар талабагон таълиму тарбият медиҳанд.***

## АГАР ДАР ҶАҲОН НАБВАД ОМӮЗГОР...

Агар чаҳор сол қабл аз ин ҳамагӣ панҷ нафар муаллимон наздик ба ҳазор доллар маош мегирифтанд, имрӯзҳо 250 нафар омӯзгорон беш аз 12 миллиониро ташкил медиҳад.

Боиси хушнудист, ки дар соли равон қариб ду ҳазор нафар хатмкардагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии миёна медали тилло гирифта, ба донишгоҳҳои на танҳо Ӯзбекистон, инчунин хориҷӣ дохил шудаанд.

Хатмкунандаи мактаби махсуси ба номи Муҳаммад Хоразмӣ Иброҳим Нарзуллоев якбора аз 19 мактаби олии хориҷӣ грант гирифт. Беш аз 15 нафар талабагон дар олимпиадаи ҷаҳонии фаннӣ ширкат варзиданд. Ба хонандаи синфи 9-уми мактаби рақами 48-уми ноҳияи Каттақӯрғон Давронбек Дониёров дар Ҳиндустон аз фанни математика шоҳсуфаи фахрӣ насибаш гашт.

– Комёбиҳо назаррас, вале муаммоҳои сарбаста низ арзи вуҷуд доранд, – гуфт иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилояти Самарқанд Адиз Бобоев дар форуми навбатии устодону мураббиён, ки зери шиори «Омӯзгори бомаҳорат – такягоҳи миллат» дар қасри ҷавонони шаҳри Самарқанд гузашт, – афсӯс, дар 86 мактаби вилоят дараҷаи таълиму тарбият ниҳоят паст аст.

Роҳбари вилоят инчунин ба масъалаҳои ҳалталаби самти беҳтар намудани заминаи моддию техникӣ таваққуф кард.

Сарвари садорати таълими томактабӣ ва мактабии вилоят Музаффар Ҳамдамов оид ба ҷамъбасти соли хониши гузашта ҳисобот дод ва роҷеъ ба вазифаҳои соли хониши нав ҳарф зад.

Дар поёни чорабинӣ ба як гурӯҳ омӯзгорони пешқадам ва навовар ташаккурнома ва тухфаҳои хотирнишон супорида шуд.

– Шахсан ман аз он ифтихор дорам, ки шогирдам дар озмун доир ба забони тоҷикӣ ғолиб дониста шуда, ба мактаби олии Самарқанд дохил гардид, – иброз дошт омӯзгори тоифаи олӣ аз мактаби миёнаи рақами 43-юми ноҳияи Самарқанд Саноат Аҳадова, – имрӯз дар форум А. Бобоев дар назди моён вазифаҳои пурмасъулият гузошт, ки яке аз онҳо таълиму тарбияи насли наврас барои Ӯзбекистони Нав аст.

– Саноат дуруст мегӯяд, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд сарвари таълимгоҳи рақами 21-уми шаҳри Самарқанд Саҳоба Раҷабова, – охир бо сиёсати оқилона ва дурандешонаи сарвари давлатамон ба мо, омӯзгорон имтиёзҳо фароҳам оварда шуд. Маоши муаллимон афзуд. Ба ғамхорӣ муносиб меҳнат кардан ҳам қарзу ҳам фарз аст. Имрӯзҳо бисёр масъалаҳои ҳалталаби самти таълиму тарбият аз муаллимон ва мураббиён вобаста мебошад. Шоир барҳақ фармудааст:

*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# ТАРҒИБГАРОНИ ЗАБОНУ МИЛЛАТ

***Инсон дар ҳамаи давру замон ба таълиму тарбия ниёз дорад. Агар ба гузаштаи дуру наздики халқамон назар афканем, мебинем, ки фарзандони аҷдоди мо дар мактабҳои гуногун таълиму тарбия гирифтаанд. Кас ҳаёту фаъолияти намунаи ибрати аҳли илму адабро пеши назар оварда, ҳайрон мемонад, ки онҳо дар мактабҳои тангу тор, дар равшании шамъу чароғ бо кадом усул тарбия гирифта бошанд, зеро шеъру ҳикоя, қиссаҳои аҷоиб ва рисолаҳои илмиашон аз нигоҳи мантиқ ва тарзи баён камбудие надоранд. Имрӯз ба таълиму тарбия ҳамаи шароит фароҳам аст, омӯзгорони маълумоти олидор дар синфхонаҳои васеъ ва равшан ба талабаҳо дарс медиҳанд, вале мебинем, ки баъди номаи камол гирифтан на ҳамаи хонандагони мактабҳо ҷумлаеро дуруст навишта метавонанд...***

Дар солҳои охир бо ташаббус ва саъю кӯшишҳои Президенти мамлакат дар ҳама соҳаҳои ҳаёт, аз ҷумла таълими халқ дигаргуниҳои назаррас рӯй доданд, қарору фармонҳои таърихӣ қабул карда шуданд. Хусусан, ходимони муассисаҳои таълими томактабӣ, мактабӣ ва таълими олӣ – мураббиён, омӯзгорон, устодони донишкадаву донишгоҳҳо, ҳатто одамони одӣ ин навгониҳоро мебинанд ва ҳис мекунанд. Барои хонандагонро ба китобхонӣ, варзиш ва дигар машғулотҳо ҷалб намудан озмунҳо эълон гардид ва ғолибон бо мукофотҳо рағбатнок гардонда шуданд, дар натиҷа хонандагони мактаб беш аз пеш ба китобхонӣ рӯ меоваранд.

– Роҳбари давлат дар яке аз табрикҳояш чунин гуфта буд: «Омӯзгори имрӯза бояд мутахассиси универсал бошад, ҳам омӯзад ва ҳам омӯзонад, яъне дар бораи худ муттасил кор кунад, доимо ҷӯяд. Аз ҳама муҳимаш, омӯзгор бояд ватанпарвари ҳақиқӣ бошад». Қарори Президент «Дар бораи чорабиниҳо доир ба таъсис додани мактабҳои президентӣ», дар роҳи рушди таълиму тарбия қадаме ба пеш шуд. Соли ҷорӣ аз мактаби мо 12 нафар ба муассисаҳои таълими олӣ, ду нафар ба мактаби Президентӣ дохил шуданд, – мегӯяд дар рафти суҳбат директори мактаби миёнаи рақами 82-юми ноҳияи Сариосиё Саодат Сангинова.

Дар роҳи мутолиаи китоб ва рӯзномаву маҷалла, ки бо ин васила маънавиёту маърифати инсон, хусусан насли наврас рӯ ба беҳбудӣ менигарад, омӯзгор нақши муҳим мебозад. Дар саҳифаҳои «Овози тоҷик» низ омӯзгорону мураббиёни эҷодкор бо хабару мақола, шеъру ҳикояҳои худ фаъоланд. Аз ҷумла, аз вилояти Сурхондарё омӯзгорон Латофат Исматова, Саодат Сангинова, Турдиқул Ҳасратов, аз ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона Ҳотамалӣ Раҳматов, Бунёд Шоматов, аз ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ Элмурод Рӯзиев, Дилмурод Қӯзиев, аз ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах омӯзгори собиқадор Собир Эргашев, Раҳимшоҳ Шарифзода, аз вилояти Бухоро Лутфия Баҳронова, аз ноҳияи Бӯкаи вилояти Тошканд Сулаймони Содиқ ва Алимурод Темиров аз вилояти Қашқадарё Рӯзибойи Қурбониён, Баҳром Чоршанбиев ва дигар омӯзгорони собиқадор бо шеъру ҳикоя ва навиштаҳои тарбиявии худ саҳифаҳои рӯзномаро рангину хонданибоб менамоянд. Дар давоми таътили тобистонаи хонандагон маводҳо тахти рукнҳои « 90 рӯзи зарбдор», «Истироҳати бофароғати бачаҳо», «Китоб – манбаи дониш», «Рӯзи китобхонӣ» дар саҳифаҳои рӯзнома пайваста рӯйи чопро диданд. «Овози тоҷик» аз оғози соли ҷорӣ тавассути канали расмии «Овози тоҷик» миёни дабистонҳо ба навбат пурсишномаҳо гузаронд, то ки дар натиҷаи баҳогузории халқ вазъи кунунии мактабҳоямон муайян шавад ва сифати таълиму тадрис беҳ гардад, камбудиву мушкилот ошкор шуда, таҳаввулоте дар ин самт ба миён ояд. Доир ба фаъолияти муассисаҳои таълими олӣ ва мактабҳои ғолиб, омӯзгорон ва хонандагони он мақолаҳои ҷолиби диққат дар саҳифаҳои рӯзнома ба табъ расиданд.


*Дар шафати мактаби миёнаи рақами 145-уми шаҳри Тошканд муҷассамаи аҷоиб қад рост кард. Маънои рамзии муҷассамаи модар, ки аз мактаб баромадани фарзандашро интизор аст, далели он аст, ки падару модарон ба дониш ва таълиму тарбияи фарзандонашон набояд беэътибор бошанд.*

***Суратгир: Д. СОБИРОВА.***

Бино ба фармони Вазорати таълими томактабӣ ва мактаби ҷумҳурӣ (аз 30 апрели соли 2025) бо мақсади муайян намудани кадрҳои педагогии соҳибихтисос санҷиши думарҳила эълон гардид. Дар рӯйхати довталабоне, ки аз марҳилаи якуму дуюми саракунӣ бомуваффақият гузаштанд ва дар давоми нӯҳ моҳ аз фонди вазири томактабӣ ва мактабӣ мукофотпулӣ дода мешавад, хушбахтона, омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик низ ҳастанд. Онҳо Саноат Аҳадова – омӯзгори мактаби рақами 43-юми ноҳияи Самарқанди вилояти Самарқанд, Дилором Муродуллоева – мактаби рақами 12-уми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё, Санҷар Ҳисомов – мактаби рақами 2-юм ва Иқбол Бобоҳайдаров мактаби рақами 26-уми ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона, Ҳилол Рӯзиев – мактаби рақами 30-юми ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ мебошанд. Доир ба ин омӯзгорони тарғибгари забон ва миллат «Овози тоҷик» тахти рукни «Гиромидошти омӯзгор» маводҳои ҷолиб чоп намуд.

Суханони роҳбари давлат «Дар Ӯзбекистон бояд инсони баобрӯтарин муаллим бошад» омӯзгорони асили мамлакатро ба ояндаи мактабу маориф дилгарм сохт. Умед дорем, ки робитаи омӯзгорон бо рӯзномаи тарғибгари забону миллат боз ҳам қавитар мегардад.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**муҳаррири бахши мактаб ва маънавияти «Овози тоҷик».**



*Маросими кушоиши ботантанаи «Нахустмаркази рушд»-и шаҳри Намангон баргузор гардид.*

*Дар чорабинӣ ҷонишини ҳокими вилоят Отабек Бозоров, намояндагони садоратҳои вилоятии таълими томактабию мактабӣ, агентии миллии ҳифзи иҷтимоӣ, падару модарон, вакилони ҷомеаи васеъ иштирок намуданд.*

*Мактаб барои 200 нафар фарзандони оилаҳои эҳтиёҷманд, кӯдакҳои ба таълими томактабӣ ҷалбнашуда, тарбиятгарони эҳтиёҷмандро ба бар хоҳад гирифт.*

*Таъкид кардан бамаврид аст, ки то моҳи сентябри соли равон кушода шудани ин гуна марказҳо дар ноҳияҳои Чуст, Норин ва Уйчӣ низ ба нақша дароварда шудааст.*

**Хидмати ахбори Садорати таълими томактабию мактабии вилояти Намангон.**

## ШАКАРХАНДА

### Аляскаро наёфтам...

– Бар ту чӣ шуд? Чаро гиря мекунӣ, – пурсид хоҳар аз апааш.

– Ман Аляскаро наёфтам, муаллими география «2» монд...

– Туро бину, хаёлпараст! Хайр, баъд дар куҷо мондanat ба ёдат омад?

### Ин садои чист?

Ду рафиқ ба садои ҷӯшидани об гӯш медоданд. Яке аз онҳо пурсид:

– Ин садои чист?

Дигар ҷавоб дод:

– Садои микробҳо.

### «Падари ман»

– Ало, Шумо роҳбари синфи панҷи «Б»? Писарам имрӯз ба мактаб рафта наметавонад.

– Кӣ гап мезанад?

– Падари ман.

### Шогирди нодон

Муаллим аз нодонии шогирдаш бадқаҳр шуда гуфт:

– Дар каллаат ягон чиз ҳаст? Гап зан!

– Устод, ҳаст. Мӯй ҳаст, чашм ҳаст, бинию даҳон ҳаст, – дар ҷавоб гуфт хонанда.

Гирдоваранда
**Қ. ШОҲСАНАМ.**

*Ба кӯмаки омӯзгор*

# КОРБАСТИ РӮЗНОМА ДАР ДАРСИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Хонандаеро, ки дар партаи мактаб нишаста ба гуфтаҳои устод эътибор медиҳад, бояд эҳтиром кард. Зеро ӯ ҳарфҳои муаллимро дуруст медонаду дар лавҳи хотираш нигоҳ медорад. Аз ин лиҳоз омӯзгор бояд ба дарс бештару беҳтар омода гардад. Бинобар ҳамин хостем як қадами ҷадидро дар роҳи омӯзиши мавзӯи «Жанрҳои рӯзноманигорӣ», ки дар китоби дарсии синфи 6 (Таваккал Чориев, Ғайрат Раҳимқулов, Тошканд – 2022) пешниҳод шудааст, дида бароем. Мавзӯи номбаршуда рӯзмарра буда, корбасти газетаҳои тоҷикии кишвар мутобиқи он аст. Алалхусус, огоҳ будан аз нашрияҳои тоҷикии кишвар, донистани мақола ва тарзи навишти он, дарки таърихи рӯзнома, нақши рӯзнома дар ҳаёти ҷомеа, таҳлили ҷумла аз мақола, маълумот оиди касби рӯзноманигорӣ, фарқ карда тавонистани жанрҳои публитсистӣ ва амсоли инҳо мебошад. Масалан, ҳангоми омӯзонидани мавзӯи «Жанрҳои рӯзноманигорӣ» чунин роҳро тай кардан бартарӣ дорад: оғози қисми ташкилии дарс, ба гурӯҳҳо тақсим кардани хонандагон, ба вобастагии мавзӯъҳо эътибори ҷиддӣ зоҳир кардан, баёни мавзӯи нав.

Дар ин раванд риштаи суханро аз дарси гузашта ба имрӯза пайваст намуда, оғоз кардан муҳим аст. Баъдан мавзӯи «Жанрҳои рӯзноманигорӣ»-ро ба ҳукми хонандагон эълон карда, аз дирӯз ва имрӯзи рӯзнома мухтасар маълумот баён менамоем. Ин лаҳза фикри Садриддин Айнӣ «Қавме, ки рӯзнома надорад, гӯё забон надорад»-ро таҳлил менамоем ва рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Садои Сӯх», «Овози Самарқанд» ва «Ховар»-ро, ки нашрияҳои тоҷикии Ватанамон мебошанд, ба дасти гурӯҳҳо медиҳем. Аъзои гурӯҳҳо аз рӯзнома панҷтогӣ ҷумлаи содаро муайян менамоянд ва он ҷумлаҳоро аз ҷиҳати мазмун ва грамматика таҳлил менамоянд. Кадом гурӯҳ бе кӯмаки муаллим беҳтар таҳлил намояду мулоҳиза гӯяд, ба ҳамон гурӯҳ баҳои аъло гузошта мешавад. Сипас, фаъолияти эҷодии гурӯҳҳоро месанҷем, ки шарти он дар саҳифаи 80-уми китоби дарсии синфи 6 дарҷ гардидааст. Эътибори аҳли синфро ба он нигаронида, ба пурсиши «Матнро хонед ва фикру мулоҳизаҳои хешро баён намоед» посухро интизор мешавем. Аз варақчаи саволӣ истифода кардан мумкин, ки онро пешакӣ омода карда, корбаст менамоем.

Саволи 1. Шакли дурустро муайян кунед: а) Камол ба рӯзномаи Овози тоҷик обуна шуд. б) Камол ба рӯзномаи «Овози тоҷик» обуна шуд.

Саволи 2. Жанрҳои рӯзноманигориро муайян кунед: а) очерк, хабар. б) гиреҳбандӣ, авҷ. Ҳамин тавр саволҳоро идома медиҳем.

Ғайр аз ин, дар таркиби мавзӯи «Жанрҳои рӯзноманигорӣ» омӯзиши зарбулмасал ва хелҳои он пешкаш шудааст, ки омӯзиши инро низ ба рӯзнома вобаста карда омӯхтан мумкин. Яъне дар мавзӯи мақола ва ё дар таркиби матни мақолаҳо журналистон аз зарбулмасалҳо истифода мекунанд, ки мо ҳам бояд намуди он ва мавриди истифодаашро донем. Масалан, зарбулмасалҳо дар мавзӯъҳои гуногун, хусусан, дар бораи меҳнат: «Тилло дар оташ, одам дар меҳнат маълум мешавад», табақаи иҷтимоӣ: «Замона аз они зӯр, тамошо аз они кӯр», оиди ахлоқ: «Аз дилозор, Худо безор» ва ғайра маълумот овардан ва дарки он ҷоиз аст.

Дар бахши мустаҳкамкунии дарс оиди лавҳа, очерк, таҳқиқи журналистӣ, тақриз, хабар ва репортаж маълумот дода, аз рӯзнома кадом матн ба кадоме аз инҳо мансуб буданашро дақиқ нишон додан фоидаовар аст.

Ҳадаф аз корбасти рӯзнома дар дарси забони тоҷикӣ дар чист? Ба ин савол чунин ҷавобҳоро овардан мумкин. Алҳол баъзе хонандагон аз нашри рӯзномаҳои тоҷикӣ бехабаранд, ки шоҳидаш шудаем. Рӯзнома – ғизои маънавият буданашро дарк намекунанд. Рӯзнома дониши лингвистиро вусъат мебахшад, ки ҳар як донишомӯз бояд мутолиа кунад. Рӯзмаррагии ин роҳ ҳам дар он аст, ки мутаассифона аксаран хонандагон аз интернет номатлуб истифода карда, газета намехонанд. Ин боиси заифшавӣ дар навишт ва нутқи даҳонии озод аст. Ба таври умум гӯем, алоқамандии мактабу матбуотро гиромӣ дошта, баробари машғулиятҳои мактабӣ ба мутолиаи рӯзнома шуғл варзидан салоҳияти модели 4 К-ро, ки дар мадди аввали таълими кунунӣ аст, таҳким мебахшад. Маҷмӯи методи таълимии 4К аз ҳамкорӣ, муошират, танқидӣ ва эҷодӣ иборат аст.

**Ҳотамалӣ РАҲМАТОВ,**
**омӯзгор аз ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Ҷонишини сармуҳаррир
Тоҷибой ИКРОМОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-828.
Адади нашр 3701. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор:
М. Шодиев.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 04.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.